**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026**
**дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025 ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**
**www.tnu.tj**

# Т а қ р и з

**ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи “Таъсири гурӯҳҳои динӣ – ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа**

Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир бахшида шудааст, ки характери актуалии онро нишон медиҳад. Дар шароити глобализатсияи равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, муборизаи идеявию идеологӣ боз ҳам тезу тундтар шудааст. Агар ин протсесс дар сатҳи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангию динӣ дида баромада шавад, он гоҳ моҳияти муборизаи аҳзобу ташкилот ва ҳаракату равияҳои динӣ- сиёсии муосири исломӣ зоҳир мешавад. Асосан муборизаи онҳо характери идеявӣ дошта, аз дигаргун сохтани асосҳои иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ дур аст. Ба таври дигар, ин мубориза барои дигаргун кардани ҷаҳонбинӣ дар дараҷаи шуури фардӣ мебошад, ки хато будани стратегия ва тактикаи онҳоро дар ин самт нишон медиҳад. Зеро онҳо як чизро ба инобат намегиранд ва ё намедонанд, ки шуури ҷамъиятиро ҳастии ҷамъиятӣ муайян мекунад. Аз ин рӯ, алоқаманд накардани ин раванд бо дигар ҷиҳатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба таври сунъӣ бор кардани он ба гардани аҳли ҷамъият бемантиқӣ аст. Ин амал бештар ба он гурӯҳҳои динӣ-сиёсие хос аст, ки характери ифротгароӣ доранд ва барои амалисозии мақсаду мароми худ аз тамоми воситаҳо истифода мебаранд. Таълимоти худро то ба дараҷаи муборизаи идеявию идеологӣ бардошта, мақсади дигаргун кардани сохти ҷамъиятро доранд. Барои ҳамин, мубориза ба муқобили чунин идеологияи гурӯҳҳои тундраву ифротгаро дар сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ характери актуалӣ дорад. Ин мубориза ва ё худ контрпропаганда тарзе бурда шавад, ки натиҷаҳои мусбӣ дода, масъалаи озодии виҷдонро дар ҷомеа халалдор накунад. Бо ин мақсад, дар баробари дигар воситаҳои мубориза алайҳи чунин амали номатлуб,

инчунин омӯзиш ва таҳлили он дар дараҷаи илмӣ низ қарор дорад, ки мисоли он диссертатсияи мазкур шуда метавонад.

Муҳаққиқ характери актуалӣ доштани проблемаи мазкурро дар контексти ҳаёти ҷомеаи тоҷикӣ дида баромада, таъсири идеологияи гурӯҳҳои динӣ-сиёсии ифротгарои исломиро ба бехатарии ҳаёти маънавии ҷомеа нишон додааст. Асосан мубориза идеявию идеологии гурӯҳҳои ифротгаро дар шакли пропаганда (таблиғ) сурат мегирад, ки бештар хусусияти сиёсӣ-динӣ дорад ва аз ин рӯ, вазифаи муҳаққиқ ин муайян кардани моҳият ва табиати он мебошад. Аз муҳтавои кори диссертатсионӣ чунин бармеояд, ки проблемаи гузошташуда дар дараҷаи муайян ҳалли худро ёфтааст.

Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ бо нишон додани сарчашмаҳои илмиву назариявӣ ва овардани иқтибосҳо аз адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ асоснок карда шудааст. Чунин тарзи баён то дараҷае ба талаботи кори илмӣ ҷавобгӯ аст, вале он характери системанок ва функсионалӣ надорад, зеро бо проблемаи мазкур бевосита алоқаманд нест.

Умуман, проблемагузорӣ ва ҳалли он аз мақсади дар пешгузошташуда сар мешавад, ки онро дар доираи диссертатсияи мазкур дидан мумкин аст. Барои амалисозии мақсади худ, муҳаққиқ вазифадор шудааст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии проблемаи мазкурро дида барояд, яъне:
- муайян кардани моҳияти мафҳуми “амнияти ҳаёти маънавӣ”;
- ошкор кардани таҳдидҳои асосӣ ба амнияти маънавии ҷомеа;
- нишон додани роҳҳои пешгирии таҳдидҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ; ва ғ. (саҳ.7- 8) Бо вуҷуди чунин нақшасозӣ на ҳамаи ҷузъҳои он ҳалли худро дар дараҷаи муайян ёфтаанд, аммо чунин ҳолат қимати корро на он қадар паст мекунад.

Дар қисми асосҳои назариявӣ ва методологии кор муҳаққиқ бо ишора ба асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи мазкур истода, методҳои муайяни илмро нишон медиҳад. Асосан кори илмӣ бе метод иҷро карда намешавад, зеро метод ин инструменти кори муҳаққиқ мебошад. Вале дар ин ҷо диссертант баъзе методҳоеро меорад, ки дар илм вуҷуд надоранд, ба монанди “методҳои таҳлили мантиқӣ” ва методи “муносибати системавӣ” ва ғ. Азбаски кор дар дараҷаи назариявӣ ҳалли худро ёфтааст, аз ин рӯ, диссертантро зарур буд, ки аз методҳои дараҷаи назариявии маърифати илмӣ истифода мебурд. Илова бар ин, аз рӯи нишондоди муҳаққиқ чунин бармеояд, ки ӯ проблемаи мазкурро аз мавқеи фалсафаи иҷтимоӣ ҳал кардааст, яъне он дар асоси фаҳмиши

фалсафӣ сурат гирифтааст. Ҳол он ки таҳлили худи диссертатсия нишон медиҳад, ки ин омӯзиш бештар хусусияти сотсиологиву сиёсӣ дорад.

Муҳаққиқ, олим доимо дар ҷустуҷӯи сабаб ва сабабият аст, зеро бо роҳи ошкор кардани сабаб моҳияти натиҷаро дониста мегирад, аз ин рӯ, роҳи дигари ҳалли масъала вуҷуд надорад. “Экспертизаи” илмӣ нишон медиҳад, ки проблема то чӣ андоза дониста шудааст ва дар асоси он чӣ гуна хулоса баровард ва натиҷа гирифт. Барои ҳамин, натиҷагирӣ аз кори илмӣ, ки ҳамчун навоварӣ нишон дода мешавад, бояд ифодаи конкретии худро дошта бошад. Чунин ҳолат дар диссертатсияи мазкур бисёр дида намешавад, бо вуҷуди он ки дар шакли бандҳои муайян омадааст. Ба монанди **а)** бо баррасии назарҳои мухталифи илмӣ бори аввал таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифт...; **б)** мазмун ва мундариҷаи таълимоти ифротгароёни исломӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ, сотсиологӣ ва аксиологӣ қарор гирифта, моҳияти таъсири манфии онҳо ба ҳаёти маънавӣ нишон дода шуд; ва ғ. (саҳ.8) Ин ва дигар ҷиҳатҳое, ки ҳамчун саҳми шахсии диссертант дар ташаккули дониши илмӣ ба сифати навоварӣ оварда шудаанд, то ба охир пурра нестанд, зеро масъалаҳои мазкур ҳалли нисбии худро дар контексти проблемаҳои дигар низ ёфтаанд.

Структураи диссертатсия нишон медиҳад, ки он аз ду боб ва шаш параграф иборат аст. **Боби якум** “Заминаҳои назариявӣ-методологии ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити муосир ” буда, **параграфи якуми** он “Аҳамияти омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа барои ҳифзи бехатарии он” мебошад, ки ҳалли нисбии худро дар дараҷаи муайян ёфтааст. Ба қавли диссертант “тағйирпазирии тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, қувват гирифтани равандҳои ҷаҳоншавӣ, рӯи саҳнаи таърих омадани иштирокчиёни нави равандҳои сиёсӣ... дарки илмиву назариявии онҳо зарур ва ҳатмӣ шуморида мешавад”. (саҳ.12) Ибтидои параграфи мазкурро ҳамчун натиҷа ва хулосаи он дида баромадан мумкин аст, аммо бо баъзе тағйиру иловаҳо, ки характери муайянкунанда доранд. Зиёда аз он дар доираи параграфи мазкур диссертант кӯшиш кардааст, ки ба воситаи таъриф додани мафҳуми “маънавиёт” моҳияти онро кушода диҳад, аммо то ба охир ба ӯ ин муяссар нашудааст. Ҳол он ки мафҳуми мазкур таъриф надорад ва ҳамрадифи мафҳуми шуур буда, дар шакли шуури фардӣ ва ҷамъиятӣ зоҳир мешавад. Ба таври дигар, маънавиёт ин ҳолати руҳии инсон буда, дар натиҷаи таъсири муҳити

беруна ба амал меояд. Аз ин рӯ, ифодаи предметии маънавиёт ин истеҳсолоти маънавӣ мебошад, ки дар он хусусиятҳои субъективии барандаи маънавиёти муайян зоҳир мешавад. Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки маънавиёт ин мафҳуме нест, ки фақат дар доираи фалсафа, дин ва илоҳиётшиносӣ истифода бурда шавад. Балки ин мафҳуми кулл ва ҷамъкунанда буда, дар зери он ҳолати руҳии инсон, ки характери абстрактӣ дорад, дониста мешавад.

Диссертант дар доираи мафҳуми мазкур фикр ронда истода, барои асосноккунии он ба афкори мутафаккирони давраҳои гуногун, ба монанди И.Кант ва дигарон рӯ меорад, вале мафҳуми "маънавиёт"- ро бо мафҳуми "амният" алоқаманд карда натавонистааст. (саҳ.19) Бо вуҷуди ин масъалаи гузошташуда дар доираи параграфи мазкур ҳалли нисбии худро ёфтааст.

**Параграфи дуюми** ҳамин боб, ки "Таҳқиқи фалсафӣ - иҷтимоии истилоҳи амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи муосир" ном гирифтааст, ба қавли диссертант ба масъалаи таъмини бехатарии ҳаёти маънавии ҷомеа бахшида шудааст. Омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкурро диссертант бо овардану нишон додани афкори гуногун оид ба амният сар мекунад.Пеш аз ҳама, ба афкори мутафаккирони Дунёи қадим, ба монанди Гераклиту Афлотун рӯ оварда, баъд аз он ба муҳаққиқони дигар ва муосир мегузарад. Вале он чизе, ки дар ин доира омадааст, асосан таъмини бехатарии давлат аст, на ин ки таъмини бехатарии ҳаёти маънавии ҷомеа. Бо вуҷуди ин ноқисӣ, диссертант тавонистааст, ки проблемаи мазкурро аз дигар ҷиҳатҳо дида баромада, онро ҳал кунад ва дар ин бора қайд карда мегузарад, ки "мутафаккирони давраҳои мухталифро амнияти маънавии ҷомеа ба ташвиш овардааст, зеро инсон аксар вақт бо ҳолатҳои гуногуни хатарнок рӯ ба рӯст...". (саҳ.48) Умуман, ин проблема қисман дар доираи параграфи якум дар шарҳи фалсафию мантиқии мафҳуми "амнияти маънавӣ" дида баромада шудааст.

Дар **параграфи сеюм**, ки "Таъсири манфии идеологияи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба рушди маънавиёти ҷомеа" ном гирифтааст, масъалаи мубориизаи идеологии аҳзобу ҳаракатҳо ва ташкилоту равияҳои муосири исломӣ, ки характери ифротгароӣ доранд, дида баромада шудааст. Дар ин ҷо диссертант кӯшиш кардааст,ки ба моҳияти мафҳуми "ифротгароӣ", ки ҳамчун категорияи марказии проблемаи гузошташуда баромад мекунад, равшанӣ андозад. Ин кор то ба дараҷае ба ӯ муяссар шудааст, аммо тафсиру асосноккунии он дар асоси фаҳмиши худ ва муҳаққиқони

дигар на он қадар боварибахш ва дуруст баромадааст. Масалан, диссертант “ифротгароӣ”- ро ҳамчун ҳаракат ва мафҳуми хурд нисбат ба мафҳуми “терроризм” медонад, ки хато аст. (саҳ.49) Барои он ки ифротгароӣ (экстремизм) ин назария ва амалияи дараҷаи ниҳоӣ буда, аз рӯи ҳаҷм нисбат ба мафҳуми терроризм васеъ мебошад. Вале он чизе, ки нисбати амалҳои харобиовари ифротгароён оварда мешавад, дуруст аст, ба мисли равандҳои даҳсолаи охири асри XXI дар мамолики Шарқи Наздику Миёна.

Бояд қайд кард, ки диссертант моҳияти идеологияи гурӯҳҳои ифротиро то ба охир кушода надодааст ва инчунин механизмҳои таъсиррасонии онро ба ҳаёти маънавии ҷомеа муайян накардааст. Ин ва дигар ҷиҳатҳо на он қадар қимати илмии корро паст мекунанд, зеро дар контексти умумии диссертатсия масъалаҳои баёнкардашуда қисман ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ҳалли нисбии онҳо вуҷуд дорад.

**Боби дуюм** “Фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ таҳдиди асосии амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ” бо **параграфи якум**, ки “Таҳдидҳои асосии ифротгароёни динӣ ба амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ ” ном гирифтааст, сар мешавад. Диссертант дар ин параграф кӯшиш кардааст, ки таъсири манфӣ ва зараровари таълимот ва идеологияи гурӯҳҳои ифротгароро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикӣ бевосита нишон диҳад. Ӯ дуруст қайд мекунад, ки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вакууми сиёсӣ ва идеологӣ ба амал омад, ки ҷои онро таълимоти гурӯҳҳои гуногуни исломӣ пур карданд. Исломгароёни радикалӣ бевосита ба ҳаёти сиёсии ҷомеаи тоҷикӣ дохил шуда, ба яке аз қувваҳои сиёсӣ табдил ёфтанд ва ин ба онҳо имконият дод, ки таъсири худро ба ҳаёти маънавии ҷомеа расонанд. Дар баробари ин, диссертант фаъолияти гурӯҳҳои ифротгароро дар миқёси ҷаҳонӣ нишон додааст, ки комилан дуруст аст. Бо вуҷуди ҳалли нисбатан мусбии проблемаи гузошташуда, диссертант ба як қатор хатоҳои назариявӣ роҳ додааст. Масалан, дар таснифи аҳзобу ташкилотҳо ва ҳаракату равияҳои динӣ- сиёсии исломӣ, ки аз рӯи характери таълимот ва фаъолият якхел нестанд. Барои ҳамин, зарур аст, ки ба масъалаи мазкур аз мавқеи дифференсатсияи илмӣ муносибат кард. Вале он чизе, ки оид ба таълимот ва фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро дар таҳдид ва халалдор кардани ҳаёти маънавии ҷомеа нишон дода шудааст, дуруст мебошад ва онро қабул кардан мумкин аст.

Дар **параграфи дуюми** ҳамин боб, ки “Таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ-воситаи асосии муқовимат ба фаъолияти гурӯҳҳои

динӣ- ифротӣ" ном дорад, масъалаи бо роҳи таъмин кардани бехатарии ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикӣ ҳамчун воситаи муқовимат ба фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро дида баромада шудааст. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки барои муқовимат кардан бар зидди фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро фақат "чорабиниҳои қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кифоя нест". Балки "зарур аст, ки паҳн гардидани нигилизми ҳуқуқӣ саривақт бартараф карда шавад" ва "дар қонунҳои қабулгардида манфиат ва талаботи тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ.... ба инобат гирифта шавад". (саҳ.84-85) Ба чунин тарзи масъалагузорӣ ва ҳалли он розӣ шудан мумкин аст, аммо диссертант бештар ба ҷавонон ҳамчун гурӯҳи хоси иҷтимоӣ диққат медиҳад. Шояд ин ба он хотир бошад, ки ҷаҳонбинии ҷавонон то ба охир ташаккул наёфтааст ва метавонад дар зери таъсири омилҳои гуногун тағйир ёбад. Ба қавли муҳаққиқ "метавон бӯҳрони фарҳангӣ, ахлоқӣ ва маънавиро чун омилҳои асосии паҳншавӣ ва рушди ифротгароӣ дар байни ҷавонон баррасӣ намуд". (саҳ.91) Бо вуҷуди ин, бояд масъалаи мазкур ҳамаҷониба ва васеъ дида баромада шавад, яъне онро дар тамоми системаи муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа дида баромад. Барои ҳамин, зарур аст, ки дар баробари дигар чорабиниҳо, инчунин муқовиматро дар шакли контрпропаганда дар байни тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа низ бурд. Умуман, масъалаҳои гузошташуда дар доираи параграфи мазкур нисбатан ҳал шудаанд.

"Роҳҳои бартараф кардани таҳдидҳои гурӯҳҳои динӣ- ифротӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ" **параграфи сеюм** аст, ки дар он роҳҳо ва усулҳои бартарафкунии таҳдидҳои ифротгароӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикӣ нишон дода шудааст. Масалан, диссертант қайд мекунад, ки "дар мубориза бо ифротгароии динӣ ва радикализм дар Тоҷикистон методҳои зӯроварӣ бартарӣ дорад, лекин самаранокии онҳо хеле кам аст" ва "ба ҷои истифодаи чорабиниҳои вазнину сангин зарур аст, ки дар доираи қонун бо онҳо муносибат карда шавад".(саҳ.112) Ба чунин фикри муҳаққиқ қисман розӣ шудан мумкин аст, зеро ӯ роҳҳои нав ва конкретии ҳалли масъаларо нишон надодааст. Бояд қайд кард, ки ҳамин ноқисиву камбудиҳо дар хулосаи кор то дараҷае ҳалли худро ёфтаанд, ки ҷиҳати муҳим ва позитивии диссертатсияи мазкур мебошад.

Дар **хулосаи** кори диссертатсионӣ омадааст, ки "гарчанде нақши омилҳои беруна дар пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ назаррас аст, лекин сабабҳои асоси зуҳуроти онро дар ҳар кишвар аз дохил бояд

чустуҷӯ намуд”. Ба монанди “паст гардидани сатҳи иқтисодии аксарияти аҳолӣ, зиёд гардидани тафриқаи иҷтимоӣ... ва нуфуз надоштани қонун дар тамоми қишрҳои иҷтимоӣ...”.(саҳ.140) Умуман, хулоса дуруст аст, вале то ба охир пурра ва асоснок нест.

Ҳамин тавр,дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи пешниҳодшудаи довталаби дараҷаи илмӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

**а)** диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва шакл кори илмии баохиррасида аст, яъне маводи зиёди илмиву назариявӣ доир ба проблемаи мазкур таҳқиқ шуда, бо нишон додани навоварӣ ва натиҷаҳои амалӣ хотима меёбад;

**б)** дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар кори мазкур камбудиҳо низ дида мешавад:

- мафҳуми “гурӯҳҳои динӣ - ифротӣ” қисман нодуруст аст, ҳол он ки варианти русии он дар диссертатсия дуруст омадааст, яъне он бояд чунин шавад “гурӯҳҳои ифротгарои динӣ” ва ё “гурӯҳҳои динии ифротгаро”;
- дар кадом шакл зоҳир шудани таъсири идеологияи ифротгароӣ дар ҳаёти маънавии ҷомеа нишон дода нашудааст;
- ягон ҷиҳати таълимот ва ё идеологияи ягон гурӯҳи ифротгарои исломӣ ба таври мушаххас оварда нашудааст ва аз ин ҷо таъсири бевосита ва ё бавоситаи он ба ҳаёти маънавии ҷомеа нишон дода нашудааст;
- дар кори диссертатсионӣ мафҳумҳое дида мешаванд, ки моҳиятан хато буда, хусусияти илмӣ надоранд; ва ғ.

Хулоса, диссертатсияи Саидов Д.М. дар мавзӯи “Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ” ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти № 505 тасдиқ шудааст,ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саидов Далер Муҳибуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100- фалсафа мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ Манғитов М.

Имзои Манғитов Машрабро тасдиқ мекунам.
Сардори Шуъбаи кадрҳои ДДМИТ Раҷабов Б.С.